# HOMHOMA

# НОМНОМА

Мураттиб Ашраф Акрам

Душанбе - 2015

ББК 81.2 ТОҶИК – 4 + 85. 127 + 86. 38

Н – 78

# Номнома

Мураттиб Ашраф Акрам

Китоб аз ҷониби Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ташхиси давлатии диншиносӣ №66 аз 24.07.2015) ба чоп тавсия шудааст.

Номгузорӣ яке аз умури лузумияю асосӣ дар ҳаёти ҷомеаи инсонӣ, таҷассумгари фарҳангу тамаддуни он ва як рӯйдоди муҳим дар зиндагии навзод аст. Ном яке аз бахшҳои ҳувияти шахс маҳсуб мешавад ва волидайнро зарур аст, ки ин вазифаи муҳими хешро ба беҳтарин ваҷҳ анҷом диҳанд. Дар ин рисола намунаи чанде аз номҳои мардона ва занонаи маъмул бо таъйини мансубияти забонӣ ва баёни маънӣ фароҳам оварда шудааст, ки умед аст касеро дархур гардад.

ISBN 978 999 75 – 884 7 - 0

Душанбе - 2015

## Сарсухан

Ном аломати тафаррукии мавҷудоти олам буда, ҳамаи ашёи беҷону махлуқоти зинда тавассути асомияшон мушаххас мегарданд. Ҷомеаи инсониро бар зами исмгузории ашёву ҳодисоти муҳиташ зарурати номгузории ҳар як фард ҳамчун аломати ташхис аз дигар фарде пеш омад. Пас номгузорӣ яке аз умури лузумию асосӣ дар ҳаёти ҷомеаи инсонӣ гардида, таҷассумгари фарҳангу тамаддуни он мебошад. Номҳо далоили қадимият, волоият ва вусъати тамаддуни мардум буда, ҳокӣ аз дараҷаи фарҳанги ҷомеаҳои инсонӣ мебошанд.

Номгузорӣ дар байни ақвоми мухталиф вижагиҳои хешро дошта, онҳо ба афродашон аз рӯи русуму боварӣ ва одоташон ном мениҳоданд. Масалан, қабоили ҳиндӣ ва бархе африқоӣ барои ҷилавгирӣ аз таъсири арвоҳи бад, ҷинну шаётин ба навзодон номҳои дофеъа мегузоштанд. Инчунин, дар қабоили ҳиндӣ волидон номи ҳақиқии фарзанди хешро то рӯзи ба балоғат расиданаш аз ӯ махфӣ медоштанд. Юнониҳои қадим ба кӯдаконашон номҳои худову олиҳаҳояшонро ба хотири касбияти сифоту сарнавишти онҳо медоданд. Қабоили славянӣ номи аслии фарзандашонро пинҳон намуда, ба истисноии волидону падарони таъмидиву хешовандони наздик каси дигаре онро намедонист ва барои ӯ номеро эълон медоштанд, ки шарру рӯҳи хабисро тарсондаву ба он мутаваҷҷеҳ насозад. Баъзе қавмҳо атфолро аввалан лақабе дода, баъдан дар синни балоғат пас аз ташаккули хислатҳои тифл мутобиқ ба онҳо ном мегузоштанд. Дуномагӣ - яке ҳақиқиву дигаре барои умум дар тамаддуни бисёре аз қавму қабоил роиҷ буд, ки номи ҳақиқиро аз умум барои таъсири баде нарасидан ба ӯ махфӣ медоштанд.

Бархурди тамаддунҳо дар давраҳои гуногуни таърихӣ ва таҳти таъсиру тасхири тамаддунҳои ақвоми абарқудрату фарҳангҳои воло қарор гирифтани тамаддунҳои халқҳои заиф ба қавоиду муқаррароти номгузорӣ асар гузошт. Хусусан, вусъати адён дар олам ба он муассир гашт. Масалан, насроният бо фарогирии қисматҳои олам қавонину қавоиди хешро дар ин бобат ба

пазирандагони хеш роиҷ намуд. Аз он баъд ба навзодон на волидон аз рӯи расму оину хурофоти қадимӣ, балки калисо ном мегузошт ва дар ҳоли ҳозир ҳам намояндагони ин дин аз рӯи қолабҳои сохтаи насроният ба фарзандонашон ном мениҳанд. Ҳамчунин дини ислом манотиқи зиёди оламро фарогир гашта, адёну боварихо ва хурофоти мардуми ин манотиқро аз байн бурда, дар ҳамаи ҷавониби ҳаётии ин мардум таъсиргузор гашт ва албатта, мардуми мо низ ба ҳайси пазирандагону пайравони ин дин, ки дар тӯли садсолаҳо дар аъмоқи қулуби эшон ҷойгузин гаштааст, аз таъсири он дар номгузории афроди хеш мисли соири умури ҳаёти иҷтимоии худ дар канор намондаанд, ки ин амрро ағлабан тибқи қавоиди исломӣ анҷом медиҳанд.

Мардуми мо қабл аз пазируфтани дини ислом озаркеш (оташпараст) буданд ва бештари асомиро тибқи русуму марбут ба боварию хурофоти ин оин мегузоштанд, ки бархе аз онҳо то замони мо расидаву ҳоло ҳам роиҷанд. Аслан, номҳо ба забони худи мардум таҷассумгари зеҳнияту тарзи маишати онҳо буданд.

Баъди ба ислом гаравидани мардуми мо ва бастаи он гаштани фарҳангу маънавиёташ тибқи қонуну дастуроти он ба атфолашон номгузорӣ мекунанд. Ислом ба мо аз араб расид ва дастури он ба ин забон китобат шудааст. Аз ин рӯ, фарҳангу маънавиёти мардуми мо хилъати исломӣ гирифта, забонаш таҳти таъсири шадиди забони арабӣ қарор гирифт. Аз ин пас номҳои мусулмонӣ, ки аслан арабиянд, бар номҳои миллӣ тарҷеҳ дода шуданд.

Наздик ба якуним ҳазор сол аст, ки мардуми мо мусулмонанд ва фарҳангу тамаддуни волои хешро дар чаҳорчӯбаи ин дин ташаккул додаанд ва ҳамаи умури ҳаётии эшон бастаи қавонину ҳудуди он аст. Аз ин ҷиҳат аксар дар анҷом додани ҳар амал ва ҳалли масоилу мушкилоти ҳаётии хеш бештар ба ин дидгоҳ таваҷҷӯҳ доранд. Бо вуҷуди ин дар замони ҳозир бархе аз урфу одоти пешазисломӣ ва ғайрисломӣ ба назар мерасанд. Хусусан, дар расми номгузорӣ ба мисли ақвоме, ки фавқан зикрашон рафт, то ҳол бархе аз мардуми мо ба одоту хурофоти ғайримусулмонӣ риоят менамоянд. Масалан, навзодонро ба хотири ҳифозат аз ҷинну шаётин ё соири арвоҳи бад ба номи ашё исм мегузоранд,

гӯё бо ин роҳ ҷинну париҳо навзодро он шайъ пиндошта, ба ӯ зиёне намерасонидаанд. Ё аз волидайни касалманде, ки тифлонашон баъди ба дунё омадан намезистанд, навзоди навбатиро вақти таваллуд зуд аз модар дуздида, дар ҷое пинҳон менамуданд ва ба ӯ номи яке аз зироатҳоро мисли ҷав, гандум, нахуд, мош, биринҷ ва ғайраро дода, баъди чанде ба модараш бармегардонанд, гӯё дар ин муддат ҷинҳо аз набудани тифл дилсард шуда, мерафтаанд ва агар ҳам бармегаштаанд, кӯдакро ҳамон зироати номида пиндошта, ноумед мегаштаанд. Бархе барои солиму безиён мутаваллид гаштани фарзанди хеш занони ҳомиларо ба мазору мақбараҳои бузургону авлиё бурда, баъди таваллуд ба онҳо исмҳои мазору марқадҳоро медиҳанд. Инчунин, барои тарсонидани ҷинҳо ба кӯдакон номҳои даҳшатнок мегузоранд. Баъзеҳоро аз рӯи намуди зоҳирӣ, нуқсонҳои ҷисмонӣ, хулқу афъол ва ғайра низ ном медиҳанд.

Номгузорӣ дараҷаи маърифат, тафаккур ва фарҳанги ҳар миллатро муайян месозад. Масалан, русҳо ва дигар қабоили аврупоӣ қабл аз пазируфтани масеҳият навзодонашонро аз рӯи намуди зоҳирӣ, аз рӯи хислат, нуқсонҳои ҷисмонӣ, тибқи хурофотҳояшон бо асомии мудҳиш номгузорӣ мекарданд, ки имрӯзҳо дар насабҳояшон мунъакис аст. Ин албатта, нишонаи дараҷаи тафаккур ва фарҳанги онҳо дар гузашта аст. Аммо бар хилофи ин дар номгузории гузаштагони мо дараҷаи баланди маърифату тафаккур ва фарҳанги воломақоми онҳо муайян аст.

Номгузорӣ рӯйдоди муҳим дар зиндагии навзод буда, ном яке аз бахшҳои ҳувияти шахс маҳсуб меёбад ва аз ин рӯ он дар ислом аҳамияти вижае дорад. Пайғамбари бузурги ислом Муҳаммад (с) таъкид менамояд: *“Ҳаққо, ки дар рӯзи Қиёмат шумо бо номҳои худу номҳои падаронатон даъват мешавед, пас ба фарзандони хеш номҳои зебо гузоред” (Ҳадис аз Абудовуд ба нақли Абудардоъ (р)).* Аз ин рӯ, яке аз ҳуқуқи атфол бар волидайн гирифтани номи зебову бомаъно аз онҳост. Дар мавриди вақти номгузорӣ ба навзод аҳодисе мавҷуд аст. *“Таваллуди ҳар як кӯдак сабабе барои қурбонӣ кардани як ҳайвон аст (ҳар як кӯдак гаравгони як ҳайвони қурбонӣ аст), ҳайвонро дар рӯзи ҳафтум баъд аз таваллуд забҳ намуда, ба*

*кӯдак ном гузошта, мӯи сарашро метарошанд" (Ҳадисро Самур нақл намудааст ва он дар панҷ маҷмӯи аҳодис аз шаш омадааст).* Аммо Имом Муслим аз Анас (р) ҳадисеро нақл мекунад, ки Пайғамбари Худо (с) гуфтааст*: "Шаб маро фарзанде ба дунё омад ва ӯро ба номи ҷаддам Иброҳим номидам".* Аз ин аҳодис бармеояд, ки барои номгузорӣ мӯҳлати қатъӣ набуда, навзодро метавон дар рӯзи аввал ё ҳафтум ва ё рӯзи дигар баъд аз таваллуд ном ниҳод. Пайғамбар (с) ба фарзандон додани номҳои фариштаву пайғамбаронро авло಼ дониста, фармудаанд: *"Ба фарзандонатон номҳои паёмбаронро гузоред".* Дар ҳадиси дигар таъкид намудаанд: *"Номи маро ба фарзандонатон диҳед, аммо лақабамро на" (манзур лақаби "Абулқосим" - падари Қосим аст, ки онро баъди таваллуди писарашон Қосим гирифта буданд. Ҳадис аз Абунуайм нақл шудааст*). Ибни Умар ривоят мекунад, ки Пайғамбари Худо (с) гуфтаанд: *"Дӯстдоштатарин номҳо назди Худованд "Абдуллоҳ" (бандаи Худо) ва "Абдураҳмон" (бандаи Худои бахшоянда) мебошанд". (Ҳадис аз Имом Муслим (р)).* Аммо Пайғамбари Худо (с) бархе аз анвои номгузориро мамнӯъ намудаанд. Масалан, гузоштани номҳое, ки мӯҷиби коҳиши шаъну эътибори шахс ва мавриди истеҳзои мардум қарор гирифтани кас мегарданд, номҳое, ки ифодаи маъонии манфианд ва ғайра. Имом Тирмизӣ аз Оиша (р) ривоят намудаанд, ки Пайғамбар (с) номҳои ноҳинҷорро тағйир медоданд. Ибни Умар (р) нақл мекунад, ки духтари Умар (р) Осия (саркаш, беадаб) ном дошт ва Расули Худо (с) ба ӯ Ҷамила (зебо) ном ниҳод. Муҳаммад (с) додани асомии махсус ба зоти Худоро барои махлуқон мамнӯъ гардонидааст. Мефармоянд: *"Дар рӯзи Қиёмат ғазаби сахти Худовандро касе меорад, ки "Малик-ул-амлок" (яъне соҳиби ҳамаи мулку қаламравҳо) номаш бошад. Нест молике ба ҷуз Худованди таъоло".* Бар зами ин Расулаллоҳ (с) номҳоеро, ки мутеиятро ба ҷуз Худованд ифода мекунанд, манъ намудаанд. Зеро бандагӣ фақат бар Худованд равост. Мисли "Абдулкаъба" - бандаи Каъба, "Абдуррасул" - бандаи расул, "Абдуннабӣ" - бандаи набӣ ва ғайра. Додани беш аз як ном ба як фард имконпазир аст, аммо маҳдуд

шудан ба яке беҳтар аст, чунки Ҳазрати Расулуллоҳ (с) як ном доштанд.

Бояд тазаккур дод, ки ислом шарте нагузошта, ки номҳои мусулмонон ҳатман ба забони арабӣ бошанд, зеро мафоҳими "номҳои мусулмонӣ" ва "номҳои арабӣ" мутафовитанд. Номҳои мусулмонӣ, ки ағлабан ба забони арабиянд, ифодагари мафоҳиму маъонии марбут ба ислом ва асомии шахсияту муқаддасоту мавзеоти исломианд, аммо номҳое ба забони арабӣ ҳастанд, ки хилофи шаръи исломӣ мебошанд. Пас ислом номгузориро барои мусулмонон ба забони арабӣ маҳдуд нанамуда, шарташ он аст, ки ном ба ҳар забоне бошад, бояд зебо ва дорои маънии мусбӣ бошад.

Мардуми мо аксаран мусулмон буда, бастаи қавонину муқаррароти исломиянд ва номгузории афроди хешро тибқи дастуроти он анҷом медиҳанд. Аз ин рӯ, тибқи дастуроти ин дини пок ном ба арабӣ ё форсӣ ва ё забони дигаре бошад, ҳатман бояд дорои маънии мусбӣ ва хушоҳанг бошад. Шариати исломӣ номгузориро аз рӯи хурофоту бовариҳои қадимии хилофи он манъ намуда, инсонҳоро бо номи ашёву ҳайвону дигар махлуқоти мудҳиш, исмҳои дорои маънии баду фаҳш, ифодаи айбу нуқсонҳои ҷисмиву рӯҳӣ, таъбироти ҳавлангезу ҳазломез номидан раво намебинад.

Чунонки тазаккур додем, номгузорӣ бояд хилофи дастуроти шаръӣ набошад ва шарти дигар он аст, ки он бояд аз ҳудуди фарҳанги миллӣ низ берун наравад. Номҳои марбут ба адёни ғайр ва мардуми фарҳангашон бегонаро набояд пазируфт. Зеро номгузорӣ ҷузъе аз аҷзои фарҳанги миллӣ, нишондиҳандаи дараҷаи он аст ва соҳибони номҳо таҷассумгарон ва ҳомилони ин фарҳанг мебошанд. Насабсозӣ низ бояд дар қолаби миллӣ анҷом пазирад. Ниёгони мо ба изофаи пасванҳои "зода", "ӣ", "ён", "пур[1]", "духт[2]", "ниё"[3] ба номҳо насаб месохтанд, вале мутаассифона, имрӯзҳо ба мо дар қолаби фарҳанги бегона насаб

[1] Пур - писар
[2] Духт – ихтисор аз "духтар"
[3] Ниё – бобо, бобокалон

месозанд. Мо ҳамчун ворисони ниёгону ҳофизону ҳомилони фарҳанги эшон имрӯз бояд роҳу равиши бегонагонро канор бигузорему ба тариқи сохтаи онон роҳ равем.

Дар ин рисола намунаи чанде аз номҳои мардона ва занона бо таъйини мансубияти забонӣ ва баёни маънӣ фароҳам оварда шудааст, ки умед аст касеро дархур гардад.

Дар охир асомии Худованди мутаъол оварда шудааст, ки ин номҳо барои ҳар фарди мусулмон аҳамият дошта, тавассуташон Ӯро ёд кардану дархости дуову илтиҷо намудан барояш манфиати бузург дорад.

# Номҳои мардона

Аббос - *(арабӣ).* عباس сахтгир, ҷиддӣ

Абубакр - *(арабӣ).* ابوبکر соҳиби фазлу хирад[4]

Абулфазл - *(арабӣ).* ابوالفضل соҳиби шаъну дониш

Абулхайр - *(арабӣ).* ابوالخیر накӯкор

Аваз - *(арабӣ).* عوض мукофот, ҳадя, тӯҳфа

Авранг - *(форсӣ).* اورنگ тахт, курсӣ

Адиб - *(арабӣ).* ادیب шоир, нависанда

Адҳам - *(арабӣ).* ادهم сиёҳ, тирагун; номи саҳобӣ

Аёз - *(арабӣ).* ایاز ҳушманд, доно

Азамат - *(арабӣ).* عظمت бузургӣ

Азиз - *(арабӣ).* عزیز гиромӣ, боқадр; порсо; ғолиб, зурдаст

Азим - *(арабӣ).* عظیم бузург, калон

Айнӣ - *(арабӣ).* عینی аслӣ, воқеӣ, ҳақиқӣ; мушаххас

Акбар - *(арабӣ).* اکبر кабир, бузург

Акмал - *(арабӣ).* اکمل мукаммал, комил

Акрам - *(арабӣ).* اکرم карим, сахӣ

Алӣ - *(арабӣ).* علی олӣ, баландмартаба

Алишер - *(арабӣ-форсӣ).* علی شیر кӯтоҳшуда аз "Алӣ шери Худо" [5]

Амин - *(арабӣ).* امین шахси мӯътамад; лақаби Муҳаммад (с)

Амир - *(арабӣ).* امیر шоҳ, ҳоким

Аммор - *(арабӣ).* امار супоришдиҳанда, дастурдиҳанда

Амон - *(арабӣ).* امان боамн, осуда

Анас - *(арабӣ).* انس хушмуомила; зиндадил, шодмон; номи саҳобӣ

Анбоз - *(форсӣ).* انباز шарик, рафиқ, ҳамдам, ҳамроз

Анвар - *(арабӣ).* انور бонур, мунаввар

Анис - *(арабӣ).* انیس дӯсти наздик, ҳамнишин

Анушервон - *(форсӣ).* انوشیروان рӯҳи ҷовидон; номи шоҳи одил

---

[4]«Абу" дар арабӣ маънои падарро дорад ва дар ибтидои чунин номҳо маҷозан соҳибият ва дорои ин гуна сифатҳо будани шахсро ифода менамояд. Инчунин, онро ба номи фарзанд ба шахс низ пайваста, лақаб медиҳанд. Масалан: "Абуалӣ" – падари Алӣ ё "Абумуслим" – падари Муслим ва ғ.

[5]Алиро (р) аз ҷиҳати шуҷоату ҷасораташ дар роҳи мубориза барои дин "Шери Худо" лақаб додаанд.

Ардашер - *(форсӣ).* اردشیر подшоҳи поку дурусткор
Армон - *(форсӣ).* ارمان умед, орзу
Аршад - *(арабӣ).* ارشد бузургтар, калонтар
Асад - *(арабӣ).* اسد шер
Асғар - *(арабӣ).* اصغر хурд, хурдтар, муқобили акбар
Аслам - *(арабӣ).* اسلم солимтар, саломаттар, дурусттар
Аслон - *(туркӣ).* اسلان бебок
Асо - *(арабӣ).* عصا чӯбдасте, ки ба он такя кунанд; дастгир, ёвар
Ато - *(арабӣ).* عطا ҳадя, тӯҳфа
Афзал - *(арабӣ).* افضل беҳтар, бартар
Афшин - *(форсӣ).* افشین ҳоким, амир
Аҳад - *(арабӣ).* احد ягона (сифати Худо)
Аҳмад - *(арабӣ).* احمد сутуда, ҳамдшуда; номи дигари Муҳаммад (с)
Аҳтам - *(арабӣ).* احتم сода; ҳатмӣ, лозим
Ашкон - *(форсӣ).* اشکان паҳлавон, неруманд
Ашраф - *(арабӣ).* اشرف шарифтарин, наҷиб
Аъзам - *(арабӣ).* اعظم бузургтарин
Аюб - *(арабӣ).* ایوب маҳзун; номи пайғамбар
Барзу - *(форсӣ).* برزو воло, олӣ
Басир - *(арабӣ).* بصیر бино; зирак, закӣ
Бахтиёр - *(форсӣ).* بختیار хушбахт, саодатманд
Баҳман - *(форсӣ).* بهمن некниҳод, некманиш; номи моҳи форсӣ
Баҳодур - *(форсӣ).* بهادر паҳлавон, ҷавонмард
Баҳром - *(форсӣ).* بهرام пирӯз; ситораи Миррих
Башир - *(арабӣ).* بشیر хушхабардиҳанда, муждарасон
Бедил - *(форсӣ).* بیدل ошиқ; тарсончак
Бежан - *(форсӣ).* بیژن шамшерзан, номи паҳлавон
Беҳбуд - (*форсӣ).* بهبود тандуруст, саломат; нек
Беҳзод - (форсӣ) بیهزاد некзод, беҳнажод
Беҳманиш - *(форсӣ).* بیهمنش соҳиби андеша ва хиради неку
Беҳном - (*форсӣ).* بهنام некном, хушном; шӯҳратдор
Беҳон - *(форсӣ).* بهان нек, хуб
Беҳруз - *(форсӣ).* بهروز саодатманд, хушрӯз, хушбахт

Билол - *(арабӣ).* بلال об, тарӣ; номи саҳобӣ
Бинёмин - *(арабӣ).* بنیامین  писари дасти рост; номи пайғамбар
Боқӣ - *(арабӣ).* باقی поянда, пойдор, устувор
Боҳир - *(арабӣ).* باهر возеҳ, равшан, ошкор
Бузургмеҳр - *(форсӣ).* بزرگمهر ниҳоят меҳрубон, соҳибкиром
Бурдбор - *(форсӣ).* بردبار босабру тамкин
Бурҳон - *(арабӣ).* برهان далел, ҳуҷҷат, санад
Вазир - *(арабӣ).* وزیر мададгори наздик, ёрирасони содиқ
Вакил - *(арабӣ).* وکیل намоянда, гумошта; мудофеъ
Валӣ - *(арабӣ).* ولی дӯст, ёвар, мададгор
Валид - *(арабӣ).* ولید навзод, кӯдак
Варқа - *(арабӣ).* ورقه муниси маҷлис
Вафо - *(арабӣ).* وفا пойдорӣ дар аҳд, садоқат, муҳаббат
Ваҳҳоб - *(арабӣ).* وهاب бисёр бахшанда, босаховат (сифати Худо)
Войиз - *(арабӣ).* واعظ вазъгӯ, насиҳатгар, носеҳ
Воқиф - *(арабӣ).* واقف огоҳ, бохабар, хабардон; вақфкунанда
Восеъ - *(арабӣ).* واسع васеъ, фарох, паҳновар
Восил - *(арабӣ).* واصل васлшаванда, пайвастшаванда
Восит - *(арабӣ).* واسط роҳ, чора; миёнрав
Восиф - *(арабӣ).* واصف тавсифкунанда, ситоишкунанда
Вофиқ - *(арабӣ).* وافق  комгор, муваффақ, комрон
Воҳид - *(арабӣ).* واحد ягона (сифати Худо)
Ғанӣ - *(арабӣ).* غنی сарватманд, доро, тавонгар (сифати Худо)
Гаршосп - *(форсӣ).* گرشاسپ  номи шоҳ; дорандаи аспи лоғар
Ғаюр - *(арабӣ).* غیور далер, нотарс, боғайрат
Ғафур - *(арабӣ).*غفور бахшандаи гуноҳ, омурзанда (сифати Худо)
Ғаффор - *(арабӣ).* غفار бисёр бахшанда, авфкунанда (сифати Худо)
Гев - *(форсӣ).* گیو гӯё, суханкунанда; номи паҳлавони эронӣ
Ғиёс - *(арабӣ).* غیاث фарёдрас, додрас, ёрманд
Ғозӣ - *(арабӣ).* غازی ҷиҳодкунанда; ғизодиҳанда; қувватбахш
Ғойиб - *(арабӣ).* غائب аз назар пинҳон
Ғолиб - *(арабӣ).* غالب пирӯз, музаффар, ғалабакунанда
Гударз - *(форсӣ).* گودرز номи паҳлавон; навъи мурғи соҳилӣ

Дабир - *(арабӣ).* دبیر муншӣ, мирзо; муаллим, омӯзгор
Давлат - *(арабӣ).* دولت молу мулк, бахту саодат
Давлатманд - *(арабӣ-форсӣ).* دولتمند соҳиби бахту сарвату неъмат
Даврон - *(арабӣ).* دوران давр, рӯзгор, даҳр
Далер - *(форсӣ).* دلیر ҷасур, нотарс, диловар, шуҷоъ, шердил
Дарвеш - *(форсӣ).* درویش сӯфӣ, зоҳид; нодор, фурӯтан
Дидор - *(форсӣ).* دیدار мулоқот, вохӯрӣ; рӯй, чеҳра
Дилдор - *(форсӣ).* دلدار далер, боҷуръат, диловар
Диловар - *(форсӣ).*دلاور шуҷоъ, далер, ҷасур, баҳодур
Дилшод - *(форсӣ).* دلشاد дилхуш, хушҳол, хушнуд, шодмон
Диндор - *(арабӣ-форсӣ).* دیندار он ки ба дин эътиқод дорад, муъмин
Довуд - *(ибрӣ).* داود дӯстдор; номи пайғамбар
Додвар - *(форсӣ).* دادور додрас, додгар, одил
Додхудо - *(форсӣ).* دادخدا додаи Худо
Дониёл - *(арабӣ).* دانیال ҳадя ва дӯсти Худо; номи пайғамбар
Дониш - *(форсӣ).* دانش илм, маърифат, фарҳанг
Дориюш - *(форсӣ).* داریوش он ки дар ниҳодаш некӣ аст
Дороб - *(форсӣ).* داراب некандеш; карру фарр, шавкат
Доро - *(форсӣ).* دارا доранда, тавонгар; соҳиб, молик
Ёдгор - *(форсӣ).* یادگار нишонаи аз касе бозмонда
Ёвар - *(форсӣ).* یاور ёридиҳанда, мададгор, ёрирасон
Ёдовар - *(форсӣ).* یداور ба ёду хотироваранда
Ёр - *(форсӣ).* یار рафиқ, дӯст, ҷӯра
Ёсин - *(арабӣ).* یاسین номи сураи Қуръон
Ёсир - *(арабӣ).* یاسر хурд, сабук, саҳл; номи саҳобӣ
Ёмин - *(арабӣ).* یامن муборак, ҳуҷаста
Забир - *(арабӣ).* زبیر сахт, қавӣ, неруманд; номи саҳобӣ
Зайд - *(арабӣ).* زید афзоянда, фаровон; номи саҳобӣ
Закариё - *(ибрӣ).* زکریا ба ёд оварандаи Худо; номи пайғамбар
Закӣ - *(арабӣ).* ذکی закоеатманд, тезфаҳм, ҳушёр
Замон - *(арабӣ).* زمان вақт, ҳангом, айём, давр, аҳд
Замир - *(арабӣ).* ضمیر дил, қалб; ҷон; андеша
Зариф - *(арабӣ).* ضریف нозук, латиф, шӯхтабъ; зирак, доно

Зарир - *(форсӣ).* زریر дорандаи зиреҳи зарин
Зафар - *(арабӣ).* ضفر ғалаба, фатҳ, муваффақият, комёбӣ
Зиё - *(арабӣ).* ضیا нур, рӯшноӣ, равшанӣ
Зиёд - *(арабӣ).* زیاد бисёр, афзун, фаровон, беш
Зобит - *(арабӣ).* ضابط забткунанда; нигоҳдоранда; идоракунанда
Зоир - *(арабӣ).* زائر зиёраткунанда, ба дидорбинӣ раванда
Зоҳид - *(арабӣ).* زاهد порсо, парҳезкор
Зоҳир - *(арабӣ).* ظاهر ошкор, возеҳ, равшан, аён
Зубайд - *(арабӣ).* زبید аъто, бахшиш
Зубайр - *(арабӣ).* زبیر марди неруманд ва қавӣ; номи саҳобӣ
Зулқифл - *(арабӣ).* ذوالکفل қувват аз Худост; номи пайғамбар
Зулфиқор - *(арабӣ).*ذوالفقار номи шамшери Алӣ (р)
Иброҳим - *(арабӣ).* ابراهیم падари бузург; номи пайғамбар
Идрис - *(арабӣ).* ادریس омӯзанда, ҷаҳдкунанда; номи пайғамбар
Иззат - *(арабӣ).* عزت эҳтиром, ҳурмат, арҷмандӣ, азизӣ
Иззатманд - *(арабӣ).* عزتمند арҷманд, сазовори иззату эҳтиром
Икром - *(арабӣ).* اکرام ҳурмат, эҳтиром, иззат
Иқбол - *(арабӣ).* اقبال бахт, давлат, комёбӣ, толеъ
Илёс - *(арабӣ).* الیاس мӯъҷиза, кароматӣ Худо; номи пайғамбар
Илҳом - *(арабӣ).* الهام рағбати иҷрои коре, ангезае дар инсон
Имрон - *(арабӣ).* عمران ободонӣ; умри дарозбин; падари Марям
Ирфон - *(арабӣ).* عرفان дониш, маърифат
Иршод - *(арабӣ).* ارشاد нишон додани роҳи рост, раҳнамоӣ, ҳидоят
Искандар - *(юнонӣ).* اسکندر мудофеи шуҷоъ; шоҳи Юнони Қадим
Ислом - *(арабӣ).* اسلام имон овардан, мусулмон шудан
Исмат - *(арабӣ).* عصمت покдоманӣ, иффат, бегуноҳӣ
Исмоил - *(арабӣ).* اسماعیل номи пайғамбар, писари Иброҳим (а)
Исо - *(арабӣ).* عسی наҷотдиҳанда; номи пайғамбар
Исфандиёр - *(форсӣ).* اسفندیار офаридаи пок; номи паҳлавон
Исҳоқ - *(ибрӣ).* اسحاق хандон; номи пайғамбар
Ифтихор - *(арабӣ).* افتخار фахр, сарафрозӣ, сарбаландӣ
Ихтиёр - *(арабӣ).* اختیار интихоб кардан, ихтиёр кардан, майл
Кабир - *(арабӣ).* کبیر бузург, калон, азим, муаззам

Кайковус - *(форсӣ).* کیکاوس шоҳи одил; асил, наҷиб, номи шоҳ
Калим - *(арабӣ).* کلیم сухангӯ, гӯянда, ҳамсӯҳбат[6]
Камол - *(арабӣ).* کمال мукаммалӣ, пуррагӣ, рушд, тараққӣ
Карам - *(арабӣ).* کرم бахшиш ва саховат
Карим - *(арабӣ).* کریم босаховат, бахшандаи гуноҳ (сифати Худо).
Каюмарс - *(форсӣ).* کیومرث шоҳмард, номи шоҳи Эрони Қадим
Комёб - *(форсӣ).* کامیاب хушбахт, саодатманд, муваффақ
Кова - *(форсӣ).* کاوه огоҳкунанда, огоҳидиҳанда
Ковус - *(форсӣ).* کاوس одил, наҷиб, асил
Козим - *(арабӣ).* کاظم фурӯнишондаи хашму ғазаб, бурдбор
Комил - *(арабӣ).* کامل мукаммал, пурра, беайбу нуқсон
Комёр - *(форсӣ).* کامیار бахтиёр, комёб, баҳраманд
Комрон -*(форсӣ).* کامران ба муроду мақсад расида, хушбахт
Комраво - *(форсӣ).* کام روا комрон, хушбахт
Кошиф - *(арабӣ).* کاشف кашфкунанда, кушоянда
Куруш - *(форсӣ).* کوروش номи шоҳи Эрони Қадим
Кӯҳзод - *(форсӣ).* کوهزاد дар кӯҳистон таваллудшуда
Қадам - *(арабӣ).* قدم гом, ташриф, иқдом дар коре
Қайс - *(арабӣ).* قیس андоза; номи саҳобӣ
Қамар - *(арабӣ).* قمر моҳ, моҳтоб
Қандил - *(арабӣ).* قندیل шамъдон, чароғи овезон
Қаноат - *(арабӣ).* قناعت розӣ будан ба он чӣ ҳаст, ризомандӣ
Қаюм - *(арабӣ).* قیوم поянда, устувор, ҳомӣ (яке аз номҳои Худо)
Қиём - *(арабӣ).* قیام рост истодан, рост хестан
Қисмат - *(арабӣ).* قسمت ҳисса, насиб, баҳра, тақдир, сарнавишт
Қобил - *(арабӣ).* قابل пазиранда, қабулкунанда
Қоид - *(арабӣ).* قائد роҳнамо, роҳбар, пешво
Қоим - *(арабӣ).* قائم рост, устувор, истода, барпо
Қодир - *(арабӣ).* قادر тавоно, муқтадир, зурманд, соҳибқудрат
Қосим - *(арабӣ).* قاسم тақсимкунанда (яке аз номҳои Худо)
Қубод - *(форсӣ).* قباد донишманд; шоҳ, ҳоким, номи шоҳ

[6] Мусо (а) бо Худованд сухан мегуфт ва лақабаш Калимуллоҳ аст.

Қувват - *(арабӣ).* قوت қудрат, нерӯ, тавон, тоқат, мадор
Қуддус - *(арабӣ).* قدوس пок аз гуноҳон (яке аз номҳои Худо)
Қудрат - *(арабӣ).* قدرت нерӯ, иқтидор, қувва, тавоноӣ
Қурбон -*(арабӣ).* قربان чизе, ки барои ризои Худо садақа кунанд
Латиф - *(арабӣ).* لطيف нозук, зариф, дилкаш, дилпазир
Лоиқ - *(арабӣ).* لايق муносиб, сазовор, шоиста
Луқмон - *(арабӣ).* لقمان номи ҳаким, ки дар Қуръон зикр шудааст
Мавҷуд - *(арабӣ).* موجود бавуҷудомада, пайдобуда, офаридашуда
Мазид - *(арабӣ).* مزيد афзунӣ, зиёдӣ, афзоиш
Мақсад - *(арабӣ).* مقصد қасд, ирода, мурод, ният
Мақсуд - *(арабӣ).* مقصود талаб, мурод, мақсад
Малик - *(арабӣ).* ملك соҳиби мулк, шоҳ, подшоҳ, султон
Мамдуҳ - *(арабӣ).* ممدوح мадҳшаванда, писандида, нек
Маннон - *(арабӣ).* منّان бисёр миннатгузоранда (сифати Худо)
Мардон - *(форсӣ).* مردان далер, ҷасур, шуҷоъ
Мансур - *(арабӣ).* منصور нусратёфта, ғолиб, фирӯз
Манучеҳр - *(форсӣ).* منوچهر биҳиштрӯй; номи шоҳ
Масрур - *(арабӣ).* مسرور шодмон, шод, хурсанд, хушвақт
Мастур - *(арабӣ).* مستور пӯшида, покдоман, боиффат
Матин - *(арабӣ).* متين устувор, маҳкам (яке аз номҳои Худо)
Матлуб - *(арабӣ).* مطلوب хосташуда, талабкардашуда, дилхоҳ
Махсум - *(арабӣ).* مخسوم шакли вайроншудаи махдум, хуҷаин
Маҳбуб - *(арабӣ).* محبوب дӯстдошта, муҳаббатбаста
Маҳдӣ - *(арабӣ).* مهدى ҳадякунанда, эҳдокунанда; ҳидояткунанда
Маҳмуд - *(арабӣ).* محمود ҳамдшуда, ситудашуда, ситоишшуда
Маҳкам - *(арабӣ).* محكم сахт, устувор, қавӣ
Маҳфуз - *(арабӣ).* محفوظ таҳти ҳимоятбуда, муҳофизатшуда
Маҷид - *(арабӣ).* مجيد бошаъну шараф, олиқадр, баландмартаба
Машҳур - *(арабӣ).* مشهور шӯҳратёфта, номвар, маъруф, овозадор
Маъмун - *(арабӣ).* مأمون дар амонбуда, эмин аз хавфу хатар
Маъмур - *(арабӣ).* مأمور амршуда, фармонгирифта
Маъруф - *(арабӣ).* معروف машҳур, овозадор, эътирофшуда
Масъуд - *(арабӣ).* مسعود саодатманд, хушбахт

Маъсум - *(арабӣ).* معصوم бегуноҳ, гуноҳнакарда
Маъшуқ - *(арабӣ).* معشوق маҳбуб, дӯстдошта
Меҳмон - *(форсӣ).* مهمان оне ба хонаи касе омада, пазирой бинад
Меҳрафкан - *(форсӣ).* مهرافکن дӯстдор, бомеҳр
Меҳроб - *(арабӣ).* محراب тоқи даруни масҷид, ки имом истад
Меҳровар - *(форсӣ).* مهراور дӯстиварзанда, ибрози муҳаббаткунанда
Меҳрварз - *(форсӣ).* مهرورز меҳрафкан, бомуҳаббат
Меҳрубон - *(форсӣ).* مهربان – нигаҳбони меҳру муҳаббат
Меҳрон - *(форсӣ).* مهران дорандаи меҳр, меҳрубон
Меъроҷ - *(арабӣ).* معراج нардбон, зинапоя, болобарой[7]
Мизроб - *(арабӣ).* مضراب нохунак, захма[8]
Минҳоҷ - *(арабӣ).* منهاج роҳи рост ва васеъ, роҳи калон
Мир - *(арабӣ).* میر (*кӯтоҳшудаи* амир), ҳоким, раис
Мирзо – *(форсӣ).* میرزا (*кӯтоҳшудаи* амирзода) котиб, муншӣ, дабир
Молик - *(арабӣ).* مالك мулкдор, соҳиби мулку замин, хуҷаин
Моҳир - *(арабӣ).* ماهر бомаҳорат, устод
Муаззам - *(арабӣ).* معظم азим ва бузург донисташуда
Муаммар - *(арабӣ).* معمر дарозумр, куҳансол
Мубассир - *(арабӣ).* مبصر назаркунанда, бино, бобасират
Мубашшир - *(арабӣ).* مبشّر хушхабаррасон, муждарасон
Мубин - *(арабӣ).* مبین ошкоркунанда, равшанкунанда, возеҳ
Муборак - *(арабӣ).* مبارك ҳуҷаста, фархунда, нек, бахайр, табаррук
Мубориз - *(арабӣ).* مبارز муборизакунанда, ҷанганда, ҷанговар
Муваккил - *(арабӣ).* موکّل корсупоридашуда, гумошта, вакил
Муваффақ - *(арабӣ).* موفّق тавфиқёфта, комёбшуда, бамуродрасида
Муваҳҳид - *(арабӣ).* موحد ба Худои якто боваркунанда
Мудаббир - *(арабӣ).* مدبر ботадбир, чораҷӯ, ӯҳдабаро, идоракунанда
Музаффар - *(арабӣ).* مظفّر зафарёфта, пирӯз, зафарманд, ғолиб
Муин - *(арабӣ).* معین ёридиҳанда, мададгор, ионаткунанда
Мукаррам - *(арабӣ).* مکرم азиз, гиромӣ, бузургдошташуда

[7] Шаби 27-уми моҳи раҷаби соли қамарӣ, ки дар он Муҳаммад (с) бо Худованд мулоқот кардааст ва мусулмонон ин рӯзро ид (иди Раҷаб) мекунанд.
[8] Олатест, ки тавассути он асбобҳои ториро менавозанд.

Муқаддам - *арабӣ).* مقدم қаблӣ, пешин, авло, афзал, бартар
Муқбил - *(арабӣ).* مقبل соҳиби иқбол, хушбахт
Муқим - *(арабӣ).* مقيم сокин, истиқоматкунандаи доимӣ, таҳҷой
Мумтоз - *(арабӣ).* ممتاز баргузида, бартар, афзалиятдошта
Мунаввар - *(арабӣ).* منور пурнур, равшан, нуронӣ
Мунир - *(арабӣ).*منير нурпош, равшан, тобон, дурахшон
Муносиб - (*арабӣ).* مناسب мувофиқ, лоиқ, созгор, сазовор, шоиста
Мунсиф - *(арабӣ).* منصف боинсоф, бовиҷдон, боадолат
Муошир - *(арабӣ).* معاشر ҳамдам, ҳамсӯҳбат, ҳамнишин
Мурид - *(арабӣ).* مريد хоҳишманд, пайравикунанда, пайрав
Мурод - *(арабӣ).* مراد мақсад, талаб, хоҳиш, хоҳиш, орзу
Муртазо - *(арабӣ).* مرتضى розӣ, қаноатманд; лақабии Алӣ (р)
Мурувват - *(арабӣ).* مروت ҳимматбаландӣ, лутф, эҳсон, инсоф
Муршид - *(арабӣ).* مرشيد роҳнамо, пир, шайх
Мусавӣ - *(арабӣ).* موسوى мансуб ба Мӯсо (а), аз они Мӯсо
Мусаллам - *(арабӣ).* مسلم таслимшуда, сиҳату саломат, яқин
Муслеҳ - *(арабӣ).* مصلح салоҳкунанда, созишкунанда, хайрхоҳ
Муслим - *(арабӣ).* مسلم мусулмон, пайрави ислом
Мустафо - *(арабӣ).* مصطفى баргузида, мунтахаб[9]
Мусо - *(ибрӣ).* موسى наҷотёфта аз об, номи пайғамбар
Мутриб - *(арабӣ).* مطرب навозандаи асбоби мусиқӣ, сароянда
Муфаттеҳ - *(арабӣ).* مفتّح фатҳкунанда, кушоянда, бозкунанда
Муфарраҳ - *(арабӣ).* مفرح фараҳманд, шоду хурсанд
Муфохир - *(арабӣ).* مفاخر фахркунанда, ифтихоркунанда
Мухлис - *(арабӣ).* مخلص ихлосманд, эътиқодманд, дӯстдор, содиқ
Муҷиб - *(арабӣ).* مجيب ҷавобдиҳанда, посухгӯянда
Муҷтаҳид - *(арабӣ).* مجتهد кӯшанда, ҷидду ҷаҳдкунанда
Мушовир - *(арабӣ).* مشاور машваратдиҳанда, маслиҳатдиҳанда
Мушарраф - *(арабӣ).* مشرف шарафёфта, сарфарозшуда, ноилгашта
Муяссар - *(арабӣ).* ميسر бадастоварда, фароҳамомада, дастрасшуда
Мушфиқ - *(арабӣ).* مشفق бошафқат, шафиқ, меҳрубон, ғамхор

[9] Яке аз номҳои Муҳаммад (с)

Мунис - *(арабӣ).* مونس унсгиранда, дӯсти наздик, ҳамнишин
Мухтор - (*арабӣ).* مختار соҳибихтиёр, ихтиёрдор
Муҳаммад - *(арабӣ).* محمد ҳамдшуда, сутудашуда, номи паямбар (с)
Муҳаққиқ - *(арабӣ).* محقق таҳқиқгар, пажӯҳишгар, тадқиқкунанда
Муҳиб - *(арабӣ).* محب ҳабиб, дӯстдор, дӯсти меҳрубон
Муҳофиз - *(арабӣ).* محافظ ҳифзкунанда, мудофеъ, нигаҳбон
Муъмин - *(арабӣ).* مؤمن боимон, имондор, диндор
Набӣ - *(арабӣ).* نبی пайғамбар, паёмбари Худо
Наврӯз - *(форсӣ).* نوروز рӯзи аввали солшумории шамсӣ
Навфал - *(арабӣ).* نوفل дарё, баҳр; номи саҳобӣ
Надим - *(арабӣ).* ندیم ҳамнишини бузургон, ҳамсӯҳбат, ҳамдам
Назар - *(арабӣ).* نظر нигоҳ, дид; мулоҳиза, ақида
Назир - *(арабӣ).* نظیر мисл, монанд; огоҳкунанда
Назиф - *(арабӣ).* نظیف покиза, тоза, нозук, зариф
Назрӣ - *(арабӣ).* نذر мансуб ба назр (садақа, қурбонӣ); аҳд, паймон
Наим - *(арабӣ).* نعیم неъмат, нозу неъмат, тавонгарӣ
Намоз - *(форсӣ).* نماز сар хам кардан барои саҷда, дуову ибодат
Наримон - *(форсӣ).* نریمان паҳлавон, диловар
Носеҳ - *(арабӣ).* ناصیح панддиҳанда, насиҳатгар, пандеҳ
Насиб - *(арабӣ).* نصیب қисмат, сарнавишт; ҳисса; олинажод
Насим - *(арабӣ).* نسیم боди форами саҳаргоҳ, боди нарм
Наср - *(арабӣ).* نصر ёрӣ, мадад, ғалаба, зафар, нусрат
Нафис - *(арабӣ).* نفیس латиф, марғуб, нозук, дилписанд
Наҷиб - *(арабӣ).* نجیب асил, шариф, асилзода, бузургзода, гиромӣ
Некном - *(форсӣ).* نیك نام касе, ки номаш ба некӣ машҳур аст
Некпай - *(форсӣ).* نیکپی хушқадам, бахосият
Некрой - *(форсӣ).* نیکرای дурусттадбир, некандеш, оқил
Некбахт - *(форсӣ).* نیکبخت хушбахт, бахтёр, саодатманд
Некруз - *(форсӣ).* نیکروز он ки рӯзгори хуб дорад, хушбахт
Некбин - *(форсӣ).* نیکبین хайрхоҳ, некхоҳ, некандеш
Некдил - *(форсӣ).* نیکدل нектабиат, хайрхоҳ
Некзот - *(форсӣ).* نیکذات хушзот, наҷиб, асилзода
Некқадам - *(форсӣ).* نیکقدم некпай, қадами бахайр ва бахосият

Некандеш - *(форсӣ).* نیکندیش некрой, некният, хайрхоҳ, хайрандеш
Некманиш - *(форсӣ).* نیکمنیش хушхӯ, нектабиат, хушхулқ
Некмард - *(форсӣ).* نیکمر марди некӯкор, марди хайрхоҳ
Неъмат - *(арабӣ).* نعمت ризқу рӯзӣ, бахшоиш, эҳсон, фароғат
Ниёз - *(форсӣ).* نیاز ҳоҷат, эҳтиёҷ, майлу хоҳиш, илтимос, дархост
Низом - *(арабӣ).* نظام тартиб, равиш, сохтор
Нодир - *(арабӣ).* نادر камчин, камёб, ягона, беназир, беҳамто
Нозим - *(арабӣ).* ناظم ба назму тартибоваранда, танзимгар; шоир
Нозир - *(арабӣ).* ناظر назаркунанда, нигоҳкунанда, бозрас
Ноил - *(арабӣ).* نائل ба муроду мақсад расида, муваффақшуда
Носеҳ - *(арабӣ).* ناصیح насиҳатгар, панддиҳанда
Носир - *(арабӣ).* ناصر нусратдиҳанда, ёридиҳанда, мададгор
Нурӣ - *(арабӣ).* نوری бонуру зиё, нурафшон, гармчеҳра
Нуронӣ - *(арабӣ).* نورانی пурнур, тобон, мунаввар, ситорагарм
Нусрат - *(арабӣ).* نصرت ёрӣ, ёрмандӣ, мадад; зафар, ғалаба, пирӯзӣ
Нӯҳ - *(арабӣ).* نوح оромбахш, таскиндиҳанда; номи пайғамбар
Нӯъмон - *(арабӣ).* نعمان соҳиби неъмат; номи саҳобӣ[10]
Обид - *(арабӣ).* عابد ибодаткунанда, худоҷӯй, зоҳид
Одил - *(арабӣ).* عادل боадолат, боинсоф
Одина - *(арабӣ).* آدینه рӯзи ҷумъа
Озод - *(форсӣ).* آزاد раҳошуда, раҳида, новобаста, фориғ, вораста
Оқил - *(арабӣ).* عاقل боақл, хирадманд, доно, бофаҳму идрок
Оламгир - *(форсӣ).* عالمگیر шӯҳратёфта, хеле машҳур, ҷаҳонгир
Оламафрӯз - *(арабӣ-форсӣ).* عالمفروز офтоб, хуршед, меҳр
Олим - *(арабӣ).* عالم соҳиби илм, донишманд, доно
Ораз - *(арабӣ).* عارض рухсора, ду бари рӯй, рӯй, чеҳра
Орзу - *(форсӣ).* آرزو хоҳиш, майл, умед, армон, ҳавас, иштиёқ
Ориён - *(форсӣ).* آریان аз нажоди ориёӣ; пок
Ориф - *(арабӣ).* عارف огоҳ, воқиф, доно, шиносанда, порсо
Осим - *(арабӣ).* عاصم нигоҳдоранда, боздоранда (аз хато)
Осиф - *(арабӣ).* عاثف пасрав, тобеъ

[10] Номи Имом Абуҳанифа (р)

Паймон - *(форсӣ).* پیمان аҳд, шарт, қавлу қарор; андоза; пайванд
Пайрав - *(форсӣ).* پیرو аз қафо ё бо роҳи касе раванда
Парвин - *(форсӣ).* پروین маҷмӯи ситораҳои бурҷи Савр, Сурайё
Партав - *(форсӣ).* پرتو шуоъ, акс, фурӯғ, нур, шӯъла
Парвиз - *(форсӣ).* پرویز пирӯз, музаффар, мансур
Пидром - *(форсӣ).* پدرام некӯ, хуҷаста, ороста
Покмард - *(форсӣ).* پاکمرد марди росткор, некмард, нектабиат
Покмеҳр - *(форсӣ).* پاکمهر дорои меҳру муҳаббати содиқона
Покнажод - *(форсӣ).* پاکنژاد нажодаш асил, асилзода
Покрой - *(форсӣ).* پاکرای некраъй, соҳиброй, некандеш, доно
Пурдил - *(форсӣ).* پردل нотарс, далер, диловар, ҷасур
Пурсафо - *(форсӣ).* پرصفا поку тоза, равшан, беғаш, рӯҳафзо
Порсо - *(форсӣ).* پارسا парҳезкор, пок, худотарс
Пуртавон - *(форсӣ).* پرتوان тавоно, муқтадир, дорои қудрати зиёд
Пурфараҳ - *(форсӣ).* پرفرح шоду хурсанд, хурсандибахш, пурсурур
Пулод - *(форсӣ).* پولاد филизи бисёр мустаҳкам; сахт, устувор
Пӯё - *(форсӣ).* پویا пажӯҳишкунанда, ҷӯянда, ҷустуҷӯ
Рабеъ - (*арабӣ).* ربیع баҳор, баҳорон
Равшан - *(форсӣ).* روشن мунаввар, тобон, дурахшон, возеҳ
Равшандил - *(форсӣ).* روشندل покдил, доно, дилогоҳ, огоҳ
Раззоқ - *(арабӣ).* رزاق ризқдиҳанда (яке аз номҳои Худо)
Разӣ - *(арабӣ).* رضی ризоманд, розӣ, мамнун, хушнуд
Рамзӣ - *(арабӣ).* رمزی рамзнок, бо рамзу ишора
Расим - *(арабӣ).* رسیم қадамгузор, тезрав, тезҳаракат; номи саҳобӣ
Рафеъ - *(арабӣ).* رفیع баланд, олӣ, афрошта, боаҳамият, арзишманд
Расо - *(арабӣ).* رسا ба воя расида, пурра, комил, тамом
Расул - *(арабӣ).* رسول фиристода, қосид, пайғамбар, набӣ
Рафиқ - *(арабӣ).* رفیق дӯст, ҳамдам, ҳамнишин
Рахшон - *(форсӣ).* رخشان рахшанда, дурахшанда, тобон
Раҳмат - *(арабӣ).* رحمت меҳрубонӣ, шафқат, бахшиш, афв, таҳсин
Рашод - *(арабӣ).* رشاد бо роҳи рост рафтан, ростӣ, росткорӣ
Рауф - *(арабӣ).* رئف меҳрубон, бомеҳр, олиҳиммат (сифати Худо)
Раҳим - *(арабӣ).* رحیم меҳрубон, раҳмкунанда (сифати Худо)

Раҳмон -*(арабӣ).* رحمان бахшоянда, раҳмкунанда (сифати Худо)
Раҷаб - *(арабӣ).* رجب моҳи ҳафтуми солшумории қамарии ҳиҷрӣ
Рашид - *(арабӣ).* رشيد бо роҳи рост раванда, ба рушд расида; далер
Ризвон - *(арабӣ).* رضوان хушнудӣ, хурсандӣ, ризомандӣ, биҳишт
Ризо - *(арабӣ).* رضا хушнуд, хурсанд, розӣ, қаноатманд
Розиқ - *(арабӣ).* رازق ризқу рӯзидиҳанда (сифати Худо)
Роғиб - *(арабӣ).* راغب моил, хоҳон, толиб, рағбатдор (ба ягон чиз)
Ромин - *(форсӣ).* رامين шахси орому боадаб, шод, хурсанд
Ромиш - *(форсӣ).* رامش оромӣ, роҳат, шодӣ, лаззат, суруд, нағма
Роҳил - *(арабӣ).* راحل сафаркунанда, серҳаракат, чолок
Роҳнамун - *(форсӣ).* راهنمون роҳнамо, роҳбар, роҳнамой
Роҳнамо(й) - *(форсӣ).* راهنما(ى) роҳнишондиҳанда, роҳбар, пешво
Рустам - *(форсӣ).* رستم далер, шуҷоъ, номи паҳлавон
Рӯзбеҳ - *(форсӣ).* روزبيه некрӯз, хушбахт, рӯз ба рӯз беҳтар шудан
Рӯзадор -*(форсӣ).* روزه دار он ки рӯза гирифтааст
Рӯзафзун - *(форсӣ).* روزافزون рӯз ба рӯз зиёдшаванда, мудом афзоянда
Сабеҳ - *(арабӣ).* صبيح зебо, хушрӯй
Саббоҳ - *(арабӣ).* سباح шиновар, бисёр шинокунанда, киштирон
Саббор - *(арабӣ).* صبار пурсабр, бурдбор
Сабур - *(арабӣ).* صبور сабркунанда, тобовар, пуртоқат
Садод - *(арабӣ).* سداد ростӣ, дурустӣ, адолат
Садр - *(арабӣ).* صدر сина, пешгоҳ, марказ, раис, сардор, пешво
Саддом - *(арабӣ).* صدام монеъшаванда, муқобилаткунанда
Саъид - *(арабӣ).* سعيد саодатманд, хушбахт, бахтиёр
Сайид - *(арабӣ).* سيد аз насли Муҳаммад (с) буда; бузург, пешво
Сайидаброр - *(арабӣ).* سيدبرار пешвои тақводорону парҳезгорон[11]
Сайидакобир - *(арабӣ).* سيدكابر бузурги кабирон, пешвои бузургон
Сайидаҳрор - *(арабӣ).* سيدحرار пешвои озодагон, раиси озодбудагон
Сайидансор - *(арабӣ).* سيدنصار сардори ёварон, пешрави пайравон
Сайидасҳоб - *(арабӣ).* سيدصحاب сарвари саҳобагон, садри ҳамсӯҳбатон

[11] Ин номҳоро одатан бе “сайид” чун “аброр - тақводорон”, “акобир - кабирон”, “аҳрор - озодагон”, “ансор – мададгорон”, “асҳоб – ҳамсӯҳбатон” мегузоранд, ки нодуруст аст, зеро шакли ҷамъанд ва шахсро бо шакли ҷамъ номидан муносиб набошад.

Сайф - *(арабӣ).* سيف шамшер
Сайёф - *(арабӣ).* سياف шамшерзан
Салаф - *(арабӣ).* سلف аҷдод, пешинагон, гузаштагон
Салом - *(арабӣ).* سلام сулҳ, амну амон; дуруд, таҳният
Салим - *(арабӣ).* سليم солим, саломат, сиҳҳат
Салмон - *(арабӣ).* سلمان солим, беғам; ном саҳобӣ
Салоҳ - *(арабӣ).* صلاح хайр, некӣ, сулҳ, дӯстӣ
Самад - *(арабӣ).* صمد поянда, ҳамеша, ҷовид (сифати Худо)
Самеъ - *(арабӣ).* سميع шунаванда, гӯшкунанда; доно, зирак
Самир - *(арабӣ).* صمير ҳамсӯҳбат, ҳамнишин
Сангин - *(форсӣ).* سنگين вазнин, бовиқор, ботамкин, вазнин
Сано - *(арабӣ).* ثنا мадҳ, таҳсин, ситоиш
Санӣ - *(арабӣ).* سنى баланд, олӣ, баландмартаба, олиҷоҳ
Сарамард - *(форсӣ).* سره مرد марди нек, марди боақлу зирак
Сармад - *(форсӣ).* سرمد ҳамеша, пайваста, доим
Сарбаланд - *(форсӣ).* سربلند сарафроз, ифтихорманд
Сарвар - *(форсӣ).* سرور сардор, пешво, бузурги қавм
Сардор - *(форсӣ).* سردار раис, роҳбар, саркарда
Сарир - *(арабӣ).* سرير ҷойгоҳ, бистар, тахт; маснад; зебо, дилписанд
Сайёр - *(арабӣ).* سيار сайркунанда, гарданда, аз ҷое ба ҷое кӯчанда
Саркор - *(форсӣ).* سركار оғозгари коре, нозир, корфармо
Сарфароз - *(форсӣ).* سرفراز сарболо, сарбаланд, боифтихор
Саттор - *(арабӣ).* ستّار пӯшанда, пӯшандаи айбҳо (сифати Худо)
Сафар - *(арабӣ).* سفر мусофират, صفر моҳи солшумории ҳиҷрӣ
Сафдар - *(арабӣ-форсӣ).* صفدر сафшикан, шикофандаи сафи душман
Сафо - *(арабӣ).* صفا покӣ, равшанӣ, шодмонӣ, равнақ, осоиш
Сахӣ - *(арабӣ).* سخى саховатманд, кушодадаст, ҷавонмард
Саъд - *(арабӣ).* سعد бахосият, муборак, хуҷаста, бахтовар
Саъдӣ - *(арабӣ).* سعدى хушбахтӣ, муборакӣ, хуҷаста, муборак
Сиддиқ - *(арабӣ).* صديق марди ростгӯй, садоқатманд, боваркунанда[12]
Сиёвуш – *(форсӣ).* سياوش дорандаи аспи нари сиёҳ

[12] Лақаби Юсуф (а) писари Яъқуб (а) ва Абубакр (р) халифаи аввалини муслимин.

Сино - *(арабӣ).* سینا сӯрохкунанда; падари Абуалӣ - олими машҳур
Сироҷ - *(арабӣ).* سراج муарраби чароғ, чароғ, шамъ
Собир - *(арабӣ).* صابر сабркунанда, батоқат, бобардошт, шикебо
Собит - *(арабӣ).* ثابت устувор, пойдор, барқароршуда; исботёфта
Содиқ - *(арабӣ).* صادق ростгӯй, росткор, самимӣ
Содир - *(арабӣ).* صادر берунбароянда, рӯйдода, воқеъгардида
Соим - *(арабӣ).* صایم он ки рӯза гирад, рӯзадор, ботақво
Солим - *(арабӣ).* سالم сиҳат, саломат, тандуруст, дуруст, беайб
Солеҳ - *(арабӣ).* صالح покдил, покдоман, парҳезгор, нек, некӯкор
Солор - *(арабӣ).* سالار сардор, бузурги қавм, пешво
Сом - *(форсӣ).* سام симу зар; писари Нӯҳ (а); номи бобои Рӯстам
Сомон - *(форсӣ).* سامان тартиб, интизом; молу мулк; макон
Сорбон - *(форсӣ).* ساربان галабони шутурҳо, шутурбон
Сосон - *(форсӣ).* ساسان арҷманд, маҳбуб, шӯҳратдор
Соҳиб - *(арабӣ).* صاحب дорандаи чизе, молик
Соҷид - *(арабӣ).* ساجد саҷдакунанда, намозгузор
Сулаймон - *(арабӣ).* سلیمان сулҳхоҳ, эмин; номи пайғамбар
Султон - *(арабӣ).* سلطان ҳоким, фармонраво, подшоҳ
Суннат - *(арабӣ).* سنت роҳ, равиш, одат, урф, расм, қоида
Сурен - *(форсӣ).* سورن паҳлавон, далер, тавоно
Сӯфӣ - *(арабӣ).* صوفی пайрави тариқати тасаввуф, порсо
Сӯҳроб - *(форсӣ).* سهراب дурахшонрӯй, пурҷило; номи паҳлавон
Табаррук - *(арабӣ).* تبرّك муборак, бобаракат; ҳадя, тӯҳфа
Таваккал - *(арабӣ).* توکّل умед бастан, эътимод кардан
Тавфиқ - *(арабӣ).* توفیق муваффақият, бахт, комёбӣ
Тайиб - *(арабӣ).* طیب нек, хуб, хушнамо, дилписанд
Талаб - *(арабӣ).* طلب пурсидану хостани чизе, дархост, ҷустуҷӯ
Таҳамтан - *(форсӣ).* تهمتن пурзӯр, тануманд, лақаби Рустам
Таҳмурас - *(форсӣ).* طهمورث шоҳи шуҷоъ, шоҳи эронӣ
Темур - *(туркӣ).* تیمور пулод; номи шоҳи бузург
Тоир - *(арабӣ).* طایر/طائر парвозкунанда, паранда, мурғ
Толиб - *(арабӣ).* طالب хоҳон, хоҳишманд, талабкунанда, талабгор
Ториқ - *(арабӣ).* طارق ситораи субҳ, номи саҳобӣ

Тоҳир - *(арабӣ).* طاهر пок, тоза, покиза, покӣ
Турач - *(форсӣ).* تورج пирӯз, тавоно, пурзур
Убайд - *(арабӣ).* عبید шакли тасғири абд, ғуломи хурд
Узайр - *(арабӣ).* عزیر номи пайғамбар
Умар - *(арабӣ).* عمر зиянда, бо иззату обрӯ; номи халифаи ислом
Умед - *(форсӣ).* امید чашмдошт, интизор, таваққӯъ; эътимод, боварӣ
Усмон - *(арабӣ).* عثمان номи халифаи сеюми ислом
Усома - *(арабӣ).* اسامه шер, асад
Файёз - *(арабӣ).* فیاض файздиҳанда, бисёр бахшанда (сифати Худо)
Файз - *(арабӣ).* فیض бахшиш, ато, баракат
Фараҳ - *(арабӣ).* فرح шодӣ, хурсандӣ, фарвонӣ, фирӯзӣ
Фарзом - *(форсӣ).* فرزام сазовор, шоиста, лоиқ
Фарзон - *(форсӣ).* فرزان оқил, донишманд, ҳаким
Фарзин - *(форсӣ).* فرزین меҳрварз; сазовор; огоҳ
Фарид - *(арабӣ).* فرید ягона, якто, бемисл, бемонанд
Фаридун - *(форсӣ).* فریدون офариниши нек, номи шоҳи Эрон
Фароз - *(форсӣ).* فراز боло будан, баландӣ
Фаромурз - *(форсӣ).* فرامرز омурзандаи душман
Фаррух - *(форсӣ).* فرّخ некӯ, зебо, хуҷаста, фархунда
Фаррухрӯз - *(форсӣ).* فرخ روز хушбахт, хушҳол, саодатманд
Фарҳат - *(форсӣ).* فرهت шаъну шараф, шукӯҳмандӣ
Фарҳод - *(форсӣ).* فرهاد ёридиҳанда, номи паҳлавони неруманд
Фаршед - *(форсӣ).* فرشید бошукӯҳу шавкат; мунаввар, бо нуру зиё
Фаттоҳ - *(арабӣ).* فتّاح фотеҳ, кушоянда, коркушо (сифати Худованд)
Фаҳим - *(арабӣ).* فهم бозеҳн, олим, бофаҳм
Фирдавс - *(арабӣ).* فردوس боғ, боғи хушу хуррам; биҳишт, ҷаннат
Фируз - *(форсӣ).* فیروز комёб, муваффақ; ғолиб, музаффар; муборак
Фозил - *(арабӣ).* فاضل соҳиби фазилат; донишманд, доно
Фоиқ - *(арабӣ).* فائق беҳтарин, баргузидатарин; ғолиб, забардаст
Форуқ - *(арабӣ).* فارق аз ҳам ҷудокунанда, фарқкунандаи неку бад[13]
Фотеҳ - *(арабӣ).* فاتح фатҳкунанда, кушоянда, ғолиб, зафарёб

[13] Лақаби Умар (р) халифаи дуввуми муслимин аст.

Фурқат - *(арабӣ).* فرقت ҷудоӣ, дурӣ, фироқ, ҳиҷрон
Фурӯтан - *(форсӣ).* فروتن хоксор, шикастанафс, бетакаббур
Хабир - *(арабӣ).* خبير огоҳ, хабардор, кордон (яке аз номҳои Худо)
Хайём - *(арабӣ).* خيام устои хаймадӯз, хаймасоз, чодирдӯз
Халил - *(арабӣ).* خليل дӯст, дӯсти меҳрубон, дусти наздик
Хаттоб - *(арабӣ).* خطاب хитобкунанда, баёнкунанда
Хизр - *(арабӣ).* خضر сабзазор; номи яке аз пайғамбарони илоҳӣ
Холид - *(арабӣ).* خالد ҷовид, доимӣ, намиранда, боқӣ
Холиқ - *(арабӣ).* خالق халққунанда, офаринанда (сифати Худованд)
Холис - *(арабӣ).* خالص беомезиш, беолоиш, беғаш, соф, пок, сара
Хоҷа - *(арабӣ).* خواجه соҳиб, хӯҷаин, мансуб ба насли хоҷагон
Худогӯй - *(форсӣ).* خداگوى Худоро зикркунанда
Худоҷӯй - *(форсӣ).* خداجوى мӯътақид, диндор, мӯъмин
Худоёр - *(форсӣ).* خدايار дӯсти Худо, худопараст
Худойдод - *(форсӣ).* خدايداد худодода, фитрӣ, модарзод
Хуррам - *(форсӣ).* خرم шод, хурсанд, хандон, босафо
Хуршед - *(форсӣ).* خورشيد офтоб, меҳр, шамс, равшанӣ
Хусрав - *(форсӣ).* خسرو некном; шоҳ, подшоҳ
Хушбахт - *(форсӣ).* خوش بخت некбахт, саодатманд
Хушдил - *(форсӣ).* خوشدل шодмон, хурсанд, масрур
Хушнуд - *(форсӣ).* خوشنود шод, шодмон, хурсанд, мамнун, розӣ
Хушруз - *(форсӣ).* خوشروز хушбахт, осудаҳол
Ҳабиб - *(арабӣ).* حبيب дӯстдошта, дӯстдор, маъшуқ, маҳбуб
Ҳайдар - *(арабӣ).* حيدر шер; лақаби Ҳазрати Алӣ (р)
Ҳаким - *(арабӣ).* حكيم хирадманд, донишманд; табиб, пизишк
Ҳалим - *(арабӣ).* حليم одами нармдил, хушхулқ
Ҳамза - *(арабӣ).* حمزه номи амаки Муҳаммад (с), яке аз саҳоба
Ҳамид - *(арабӣ).* حميد писандида, хуб, нек, сутуда
Ҳамдам - *(форсӣ).* همدم ҳамнафас, дӯсти бисёр наздик, ҳамнишин
Ҳамроз - *(форсӣ).* همراز нафаре, ки ба ӯ рози дил гӯянд
Ҳанбал - *(арабӣ).* حنبل номи имоми бузург

Ҳаниф - *(арабӣ).* حنیف дар ақидаи худ пойдор, устувор, ҳақиқӣ[14]
Ҳасан - *(арабӣ).* حسن зебо, некӯ, хуб; номи набераи Муҳаммад (с)
Ҳасиб - *(арабӣ).* حسیب ҳисобкунанда, соҳиби ҳасаб, бузургвор
Ҳикмат - *(арабӣ).* حکمت илм, дониш, хирад, фазилат, панд, андарз
Ҳилол - *(арабӣ).* هلال моҳи нав
Ҳиммат - *(арабӣ).* همت азми қавӣ, ҷаҳд, саховат, ҷавонмардӣ
Ҳишом - *(арабӣ).* هشام олиҳиммат, ҷавонмард; номи чанд саҳоба
Ҳобил - *(арабӣ).* هابیل бухор, маҳзун; номи писари Одам (а)
Ҳодӣ - *(арабӣ).* هادی роҳнишондиҳанда, роҳнамо, ҳидояткунанда
Ҳом - *(арабӣ).* حام муҳофизаткунанда; писари Нӯҳи пайғамбар (а)
Ҳомид - *(арабӣ).* حامد шукркунанда, ситоишгар, санохон
Ҳоҷиб - *(арабӣ).* حاجب дарбон, пардадор
Ҳорун - *(ибрӣ).* هارون мунаввар, равшан; бародари Мусо (а)
Ҳотам - *(арабӣ).* حاتم саховатманд, сахӣ, накӯкор, ҷавонмард[15]
Ҳотиф - *(арабӣ).* هاتف овоздиҳанда аз ғайб, ҷеғзананда, нидокунанда
Ҳофиз - *(арабӣ).* حافظ ҳифзкунанда, каси Қуръонро азёдкарда
Ҳошим - *(арабӣ).* هاشم ноншикан, тақсимгари молиёт[16]
Ҳувайдо - *(форсӣ).* هویدا равшан, зоҳир, ошкор, намоён, аён
Ҳуд - *(арабӣ).* هود номи пайғамбар
Ҳумоюн - *(арабӣ).* همایون муборак, фархунда, хуш
Ҳусайн - *(арабӣ).* حسین хуб, накӯ, зебо; набераи Муҳаммад (с)
Ҳушанг - *(форсӣ).*هوشنگ боҳушу ақлу хирад; номи шоҳ
Ҷаббор - *(арабӣ).* جبار соҳиби қудрату тавоноӣ (сифати Худо)
Ҷавод - *(арабӣ).* جواد сахӣ, саховатманд, ҷавонмард
Ҷалил - *(арабӣ).* جلیل бузург, азим, мӯҳтарам
Ҷалол - *(арабӣ).* جلال бузургворӣ, иззат, ҷоҳу ҷалол, мартаба
Ҷамил - *(арабӣ).* جمیل хушрӯй, зебо, соҳибҷамол, некӯсурат
Ҷамол - *(арабӣ).* جمال хушрӯӣ, зебоӣ, ҳусн, хубии сурат ва сират
Ҷамшед - *(форсӣ).* جمشید равшан, дурахшон, номи шоҳ
Ҷасур - *(арабӣ).* جسور далер, шуҷоъ, нотарс, пурдил

[14] Лақаби Иброҳим (а) аст.
[15] Номи шахсе аз қабилаи Тайи араб, ки дар саховату бахшиш машҳур будааст.
[16] Номи бобои Муҳаммад (с).

Ҷаҳонгир - *(форсӣ).* جهانگیر тасхиркунандаи ҷаҳон, фотеҳ, машҳур
Ҷаъфар - *(арабӣ).* جعفر ҷӯй, рӯд; зари холис; номи гули хушбӯй
Ҷобир - *(арабӣ).* جابر ҷабркунанда, ситамгар
Ҷовид - *(арабӣ).* جاوید абадӣ, ҳамеша, доимӣ, мудом, доимо
Шафқат - *(арабӣ).* شفقت меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, раҳмдилӣ
Шайдо - *(форсӣ).* شیدا ошуфта, шефта, мафтун, ошиқ
Шайх - *(арабӣ).* شیخ олим, донишманд; пешвои рӯҳонӣ, пир
Шамс - *(арабӣ).* شمس офтоб, хуршед, меҳр
Шамшод - *(форсӣ).* شمشاد дарахти ҳамешасабз, хушқомат, хушандом
Шараф - *(арабӣ).* شرف обрӯ, номус, шаън, ифтихор, бузургӣ
Шариф - *(арабӣ).* شریف асил, наҷиб, бошараф, пок, муқаддас
Шафеъ - *(арабӣ).* شفیع шафоаткунанда, восита
Шафиқ - *(арабӣ).* شفیق меҳрубон, дилсӯз
Шаҳбоз - *(форсӣ).* شهباز шоҳини султонӣ, уқоб
Шаҳир - *(арабӣ).* شهیر маъруф, машҳур, номдор
Шаҳзод - *(форсӣ).* شهزاد фарзанди шоҳ, шоҳзода
Шоҳид - *(арабӣ).* شاهد гувоҳ, шоҳид будан, шаҳодат
Шаҳоб - *(арабӣ).* شهاب шӯъла, ситораи дурахшони паррон[17]
Шаҳриёр - *(форсӣ).* شهریار подшоҳ, шоҳ; ёридиҳандаи шаҳр
Шаҳром - *(форсӣ).* شهرام муодили форсии Микоил, фаришта
Шаъбон - *(арабӣ).* شعبان моҳи ҳаштуми солшумории қамарии ҳиҷрӣ
Шер - *(форсӣ).* شیر далер, ҷасур, диловар
Шерафкан - *(форсӣ).* شیرافکن пурзӯр, қавибозу, далер
Шерваш - *(форсӣ).* شیروش шермонанд, шерфаш
Шерзод - *(форсӣ).* شیرزاد далер, нотарс, бебок, ҷасур, диловар
Шердил - *(форсӣ).* شیر دل далер, нотарс, бебок
Шерамард - *(форсӣ).* شیرمرد диловар, далер, нотарс, бебок
Шертан - *(форсӣ).* شیرتن паҳлавоне чу шер миёнборику бозупаҳн
Шикебо - *(форсӣ).* شکیبا бурдбор, таҳаммулкунанда, босабр
Шоён - *(форсӣ).* شایان шоиста, сазовор, лоиқ, арзанда
Шис - *(арабӣ).* شیس номи пайғамбар, писари Одам (а)

[17] Дар шакли "Шиҳоб" низ дуруст аст.

Шодӣ - *(форсӣ).* شادی хурсандӣ, хушҳолӣ, хушнудӣ
Шодком - *(форсӣ).* شادکام хушҳол, шодмон, комрон
Шодон - *(форсӣ).* شادان хушнуд, хушҳол, хушдил, фараҳманд
Шодмеҳр - *(форсӣ).* شادمهر бомеҳру шодмон
Шодмон - *(форсӣ).* شادمان шод, хурсанд, хушҳол
Шоднуш – *(форсӣ).* شادنوش ҳамеша шоду масрур
Шодрӯз - *(форсӣ).* شادروز хушбахт, осудаҳол, бахтёр
Шокир - *(арабӣ).* شاکر шукркунанда, сипосгузор, миннатдор
Шомил - *(арабӣ).* شامل фарогианда, дарбаргиранда
Шопур - *(форсӣ).*شاپور писари шоҳ, шоҳзода
Шоҳзамон - *(форсӣ).* شاهزمان ҳокими даврон, шоҳи замон
Шофеъ - *(арабӣ).* شافع шафоаткунанда, дархостнамоянда, хоҳишгар
Шоҳин - *(форсӣ).* شاهین навъи парандаи шикорӣ, далер, диловар
Шоҳнур - *(форсӣ).* شاهنور нури шоҳ, мунаввар, нуронӣ
Шоҳон - *(форсӣ).* شاهان бошукӯҳ, дурахшон
Шоҳпур - *(форсӣ).* شاهپور писари шоҳ, шоҳзода
Шоҳрух - *(форсӣ).* شاهروخ дорои рухсори чун шоҳ, шоҳсимо
Шоҳрӯз - *(форсӣ).* شاهروز бошукӯҳ, дурахшон
Шуъайб - *(арабӣ).* شعیب равшан, дурахшон; номи пайғамбар
Шуҷоъ - *(арабӣ).* شجاع шуҷоатманд, далер, ҷасур, диловар
Шукур - *(арабӣ).* شکر сипосгузорӣ, миннатдорӣ аз некии касе
Шӯҳрат - *(арабӣ).* شهرت машҳурӣ, номдорӣ, маъруфият
Эмин - *(арабӣ).* ایمین дар амну амонбуда, хотирҷамъ, осуда
Эмом - *(арабӣ).* ایمام пешрав, пешво, пешнамоз
Эраҷ - *(форсӣ).* ایرج ориёӣ, номи шоҳе, ки Эрон ба ӯ мансуб буд
Эшон - *(форсӣ).* ایشان рӯҳонии намоён, шайх
Эҳсон - *(арабӣ).* احسان некӯӣ, лутфу марҳамат, ато, бахшиш, инъом
Юнус - *(ибрӣ).* یونس номи пайғамбар, ки ба коми моҳӣ фурӯ рафт
Юсуф - *(ибрӣ).* یوسف афзунанда; номи пайғамбар[18]
Яҳё - *(арабӣ).* یحیی мутаҳҳир, поккунанда; номи пайғамбар
Яъқуб - *(ибрӣ).* یعقوب пайрав; номи пайғамбар, падари Юсуф (а)

[18] Номи писари Яъқуб (а), ки зеборухсор буд.

# Номҳои мардона бо “Аллоҳ”

Абдуллоҳ - عبدالله - бандаи Худо[19]
Азизуллоҳ - عزیزالله - арҷманди Худо
Аминуллоҳ - امین الله каси мӯътамади Худо
Амонуллоҳ - امان ال - таҳти ҳимояи Худо
Амруллоҳ - -امرالله дар амру фармони Худо
Асадуллоҳ - اسدالله - шери Худо
Атоуллоҳ - عطاالله - ҳадяи Худо
Баракатуллоҳ - برکت الله - баракати Худо
Баҳруллоҳ - بهرالله - насибае аз Худо
Валиуллоҳ- ولی الله - муқарраби Худо
Восифуллоҳ - واصف الله - васфкунандаи Худо
Ғозиуллоҳ - غازی الله - ғазокунанда дар роҳи Худо
Додуллоҳ - دادالله - адолатпешаи Худо
Забеҳуллоҳ - ذبیح الله - қурбоншуда дар роҳи Худо
Зайдуллоҳ - زیدالله - афзудаи Худо
Закиуллоҳ - ذکی الله - донову бофаросати Худо
Зиёдуллоҳ - زیادالله - ҳадяи Худо
Зиёуллоҳ - ضیاالله - нуру рӯшноии Худо
Зикруллоҳ - ذکرالله - зикркунандаи Худо
Зоҳидуллоҳ - زاهدالله - парҳезгори Худо
Зубайдуллоҳ - ذبیدالله - атои Худо
Иззатуллоҳ - عزت الله - ифтихори Худо
Иноятуллоҳ - عنایت الله - тӯҳфаи Худо
Исматуллоҳ - عسمت الله - поку боиффати Худо
Карамуллоҳ - کرم الله - хайру саховати Худо
Кароматуллоҳ - کرامت الله - караму сахои Худо
Кифоятуллоҳ - کفایت الله - қонеъбудаи Худо
Қарибуллоҳ - فریب الله муқарраби Худо
Қисматуллоҳ - قسمت الله – баҳраву бахшиши Худо

[19]Маънои “абд” - банда, ғулом буда, шакли ҷамъи он “ибод”аст. Бархе “Ибодуллоҳ” ном мегузоранд, ки маънояш “бандагони Худованд” аст.

Қудратуллоҳ - قدرت الله - кудратёфта аз ҷониби Худо
Лутфуллоҳ - لطف الله - лутфу марҳамати Худо
Маҷидуллоҳ - مجيدالله - олиқадри Худо
Муродуллоҳ - مرادالله - хосташуда аз ҷониби Худо
Мутеъуллоҳ - مطيع الله - фармонбардори Худо
Муҳаммадуллоҳ - محمدالله - ҳамдшудаи Худо
Муҳибуллоҳ - محب الله - дӯстдорандаи Худо
Муҷибуллоҳ - موجيب الله - ҳастшуда бо хоҳиши Худо
Назруллоҳ - نذرالله - бахшишу садақаи Худо
Насибуллоҳ - نصيب الله - ҳиссаву баҳрае аз Худо
Насруллоҳ - نصرالله - зафарёфта аз ҷониби Худо
Наҷибуллоҳ - نجيب الله - муносиб ва мӯҳтарами Худо
Неъматуллоҳ - نعمت الله - неъмати Худо
Нуруллоҳ - نورالله - нури Худо
Обидуллоҳ - عابدالله - ибодаткунандаи Худо
Оятуллоҳ - آيت الله - нишонаи Худо
Раҳматуллоҳ - رحمت الله - раҳмати Худо
Сайидуллоҳ - سيدالله - бузургвори Худо
Сайфуллоҳ –سيف لله - шамшери Худо
Самиъуллоҳ - سميع الله – шунавандаву фармонбари Худо
Сафиуллоҳ - صفى الله - дӯсти холису баргузидаи Худо[20]
Саъдуллоҳ - سعدالله - хушбахти Худо
Сибғатуллоҳ - صبغت الله - дар роҳи дини Худо
Содиқуллоҳ - صادق الله - дӯсти бовафои Худо
Соҷидуллоҳ - ساجدالله - саҷдакунандаи Худо
Суннатуллоҳ - سنت الله - пайрави роҳу равиши Худо
Убайдуллоҳ - عبيدالله - бандаи Худо
Файзуллоҳ- فيض الله – файзу баракати Худо
